**Ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-018**
**Назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

**Тақризи**
**муқаррризи ғайрирасмӣ ба автореферати рисолаи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо Ихтисоси -12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси - 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти № 15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи интихобнамудаи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба» хеле мубрам буда, он пеш аз ҳама барои риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкилоту корхонаҳо ва соҳибкорону тоҷирон ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи онҳо равона шудаст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки: «Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (минбаъд СУС) пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (минбаъд - Қонуни ҶТ АБТ) қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати ҶТ Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд».

Дар ҳақиқатан дар Қонуни ҶТ АБТ муқарраротҳое пешбинӣ гардиданд, ки онҳо зарурати мутобиқ намудани Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Қонуни ҶТ АБТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён овардаанд. Аз ҷумла, ваколатҳои бекор кардани қарорҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар баъзе ҳолатҳо ба салоҳияти судҳои иқтисодии ҶТ вогузор намудааст. Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ягона, судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии дар ҳудуди ҶТ ва ё давлатҳои хориҷӣ қабулшударо дошта бошанд.

Созишномаи арбитражӣ, ки тибқи Конвенсия оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 (Конвенсияи Ню-Йорк) ягона асоси ҳуқуқӣ барои арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, зарурати таҷрибаи амалисозии муқаррароти Конвенсия дар ҶТ ва берун аз он мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки созишномаи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Маҳз муқаррароти созишномаи арбитражӣ пешниҳоди баҳсҳоро ба арбитраж, ҳудуди амали арбитрҳо, инчунин шартҳоеро, ки

ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи олимон дар солҳои охир институти созишномаи арбитражиро ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ҷалб кардааст.

Ҳамаи ин мушкилотҳои ҳуқуқии зикргардида ва татбиқи амалии институти созишномаи арбитражӣ, аҳамияти мавзӯи интихобгардида ва мубрамияти онро муайян карданд.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии олимон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола аз пажӯҳишҳои олимони ҳуқуқшиноси ватаниву хориҷӣ, аз қабили Менглиев Ш.М., Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Шонасридинов Н., Бобоҷонзода И.Х., Ғаюров Ш.Қ., Маҳмадшоев Ф.А., Фозилов Н., Кабатов В.А., Витрянский В.В., Вилкова Н.Г., Белов А.П., Сеглин Б.С., Богуславский М.М., Светланов А.Г., Хлестова И.О., Лебедев С.Н., Розенберг М.Г., Поздняков В.С. Минаков А.И., Брагинский М.И. ва ғ. истифода шудаанд.

Асоси методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз қабили таҳлили диалектикӣ, систематикӣ, муқоиса ва шабоҳат, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ташкил медиҳанд. Бо ёрии усули меъёрию расмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мақсади омӯзиш, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, назария ва амалияи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ ошкор карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари усули диалектикии ҷаҳонбинӣ мафҳуми институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шуда, унсурҳои созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж возеҳ карда мешавад. Дар асоси усули расмӣ-ҳуқуқӣ созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва хусусиятҳои он

муайян карда мешаванд. Усулҳои зикргардида дар маҷмӯъ имкон доданд, ки мавзӯъ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба, пурра ва объективӣ таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоси назариявиро доктринаҳои ҳуқуқӣ, андешаҳои олимону коршиносони ин соҳа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи арбитраж ташкил додаанд, ки онҳо имкон медиҳанд, то мақсади муайян намудани таносуби амалияи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо таҳлил карда шаванд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро метавон барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти арбитраж дар Тоҷикистон истифода намуд. Маводҳои диссертатсияро инчунин дар рафти таълими ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, омода намудани воситаҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Таҳлили ҳамаҷонибаи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои корро дар асоси ҷанбаҳои воқеъбинонаи созишномаи арбитражӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулшуда, консепсияҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявӣ-амалии муаллиф, муқаррароти илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар асоси созишномаи арбитражӣ муайян карда шуданд.

**Саҳми шахсии муаллифи** кори илмӣ бо сатҳи навигарии илмии рисола, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмию амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, ҳалли масъалаҳо ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

Доир ба мавзӯи рисола ва моҳияти он муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ такризшаванда ва 2 адади он дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ». Мавзӯи гузориш “Баъзе аз масъалавои назариявии татбиқӣ ё қонунгузоре дар фаъолияти судии арбитраж ва иқтисоди. (Душанбе, 14 июни соли 2022);

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – марҳалаи эҳёи давлатдории миллӣ». «Роли сессияи шонздахуми Шурои Олии ЧШС Точикистон дар ба вучуд омадани институтхои нави хукукй». Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. (Душанбе, 18 октябри соли 2022);

- Конференсияи III - юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”, ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023. Маърӯза: «Нақши судҳои иқтисодӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ»;

- Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик Маърӯза: «Мурофиаи шартномавӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ». Дар Академияи ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 29 апрели соли 2023;

- семинарҳои ҳармоҳаи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат буда, ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ аст ва ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳоди дар диссертатсия дарҷгардида, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба институти созишномаи арбитражӣ тасдиқи худро ёфтааст.

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррааргарида.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

Дар умум, диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди муносибатҳои созишномаи арбитражӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии .назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки дар натиҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос

менамоянд.

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Муаллифи диссертатсия Абдуллозода Зебонисо Файзулло бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси -12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Сардори идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Расулов Б. Р.**

**Имзои Расулов Б.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори идораи кормандони Бонки миллии Тоҷикистон** **Саидвалиева О. С.**

04. 01. 2025

НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК ТАДЖИКИСТАНА * БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ КОРМАНДОН
УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ

**Суроға: 734003, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1, Бонки миллии Тоҷикистон. Тел: 22417-86, 224-83-93 (факс), email: info@ipa.tj.**